Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

12 июли соли 2023
Чоршанбе
№ 55 (14962)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ВАЗИФАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ҶАЛБИ САРМОЯ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 11 июл ҷамъомади видеоселекторӣ оид ба масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҷалби сармоя баргузор гардид.**

Дар аввали нутқи худ роҳбари давлат таъкид кард, ки интихоботи президентӣ дар мамлакатамон дар дараҷаи баланд баргузор шуда, халқамонро дар роҳи мақсадҳои бузург боз ҳам муттаҳид намуд.

Вазифаи оянда – бидуни ягон сустӣ ва боз ҳам кушиши калон татбиқ намудани мақсадҳои гузошта мебошад. Ин дар марҳалаи мунокиша ва рақобати сахти имрӯза, ки ҳама корҳои савдо ва мавҷи сармоя мураккаб мегардад, дар ҳаракати мол ва хидмат таваққуфҳо ба назар мерасанд, дар низоми нақлиёу логистика низ ҳамчунин аст, ин кор осон нест.

– Дар чунин шароити мураккаб барои он ки барои одамонамон шароити муносиб фароҳам оварем, бояд садҳо ҳазор ҷойҳои кории баландмаош фароҳам оварда шуда, истеҳсоли маҳсулот зиёд карда шавад, ки дар бозори ҷаҳон қобили рақобат бошад. Барои ин технологияи нав, иқтидорҳои истеҳсолии замонавӣ, мутахассисони соҳибмалака заруранд, – гуфт Президент.

Бинобар ин дар ҷамъомад нишондодҳои сармоягузории соҳаҳо ва минтақаҳо, татбиқи лоиҳаҳо ва вазифаҳои бартаринок то охири сол муҳокима гардиданд.

Дар шаш моҳи охири соли ҷорӣ дар соҳаҳо 3,6 миллиард доллар сармоя азхуд карда шуд. Беш аз 50 миллион долларӣ сармояи бевосита дар шаҳри Андиҷон, ноҳияҳои Булоқбошӣ, Рометан, Ғаллаарал, Фориш, Кармана, Давлатобод, Чуст, Каттақӯрғон, Сирдарё ҷалб карда шуд. Аз ҳисоби ин дар ин ноҳияҳо ба таври умумӣ 50 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шуда, барилова 1 триллион сӯм манбаи даромад ба вуҷуд оварда шуд.

Аммо дар баъзе минтақа ва соҳаҳо ин нишондод паст, муҳити сармоягузорӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. Дар ҷамъомад ҳокимони ин ноҳияҳо ва шаҳрҳо, муовинони вазирон, шахсони масъули корхонаҳои давлатӣ аз вазифаҳои худ озод карда шуданд, қисме аз онҳо танбеҳ гирифтанд.

Президент дар бобати тезондани 1,5 ҳазор лоиҳаи сармоягузорӣ ва азхуд намудани беш аз 12 миллиард доллар сармояи хориҷӣ вазифаҳои иловагӣ гузошт.

Роҳбари давлат алгоритми дақиқи амалро оид ба ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳо дар ҳар як соҳа ва минтақа дақиқан муайян кард.

Аз он ҷумла, дар доираи барномаи сармоягузории давлатӣ кори алоҳидаи ҳар як лоиҳа доир ба пеш аз мӯҳлат ба баҳрабардорӣ андохтани 272 объекти калон ба миқдори 11,5 миллиард доллар ташкил карда мешавад. Ба таври мисол, 29 лоиҳаро ба туфайли тезондани сохтмон пеш аз мӯҳлат ба роҳ андохтан мумкин, 49-тои дигарро ба туфайли ёрдам дар расондан ва насби таҷҳизот ҳамчунин зуд ба кор андохтан мумкин. Аз ҳисоби ин 700 миллион доллар сармоя 2-3 моҳ пештар аз мӯҳлат азхуд гардиданаш мумкин.

Бинобар ин ба вазири нақлиёт ва сафирони мамлакатамон дар хориҷа супоришҳо дода шуд. Таъкид шуд, ки барилова ба 1,2 триллион сӯме, ки барои лоиҳаҳои инфрасохтор дар минтақаҳо пешбинӣ гаштааст, боз 100 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Азхуд намудани 4,4 миллиард доллар сармояи бевоситаи хориҷӣ дар доираи 230 лоиҳа дар соҳаҳо, боз 4,6 миллиард доллар дар доираи 1,2 ҳазор лоиҳа дар минтақаҳо зарур мебошад. Лоиҳаҳо ба се тоифа тақсим гардида, дар алоҳидагӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамин тариқ, лоиҳаҳои бузургро муовини ҳокими вилоят оид ба сармоя, лоиҳаҳои миёнаро ҳокими ноҳия, лоиҳаи хурдро муовини ҳокими ноҳия оид ба сармоя роҳбарӣ мекунанд. Барои ҳар як минтақа шахсони масъул барои босамар татбиқ намудани ин система ва ҳалли масъалаҳо дар маҳал вобаста карда мешаванд.

Дар ҷамъомад инчунин натиҷаҳои шарикии сармоягузорӣ бо давлатҳои хориҷӣ баррасӣ гардид. Дар ду соли охир дар натиҷаи мулоқотҳо дар дараҷаи олӣ бо Арабистони Саудӣ, Фаронса, Венгрия, Сингапур, Миср, Олмон, Чин, Италия, Қатар ва мамлакатҳои дигар бисёр қарордодҳо ба даст омадаанд.

Дар ҳамкорӣ бо Венгрия, Покистон, Таиланд, Чехия ва Ҷопон пешрафтҳои мусбӣ қайд гардиданд, ҷалб намудани сармоя аз ин мамлакатҳо дар соли ҷорӣ 450 миллион доллар афзуд.

Аз ин пас низоми нави кор бо сармоягузорон дар доираи шартномаҳо бо шарикони хориҷӣ ба амал татбиқ мегардад. Ҳамин тариқ, дар Вазорати сармоя, саноат ва савдо вазифаи менеҷери сармоягузорӣ ҷорӣ карда мешавад, ки вай бевосита ба вазир тобеъ мегардад. Менеҷерон ба таври ҳамеша бо сармоягузорони хориҷӣ дар тамос мешаванд ва масъалаҳои онҳоро ҳал мекунанд. Дар асоси ин низом кор карда, соли ҷорӣ барилова 3 миллиард доллар сармоя ҷалб намудан мумкин аст, таъкид шуд дар ҷамъомад.

Ишора гардид, ки лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар аксарияти вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ташаккул ёфтааст, ба имконоти воқеии онҳо мутобиқ нестанд. Аз он ҷумла, дар ду моҳи охир дар 60 ноҳияи рушди саноатиаш паст, барои 2 ҳазор лоиҳаи истиқболнок ба миқдори 6,5 миллиард доллар муайян карда шудааст. Ин маънии онро дорад, ки дар як ноҳия ба ҳисоби миёна 110 миллион доллар сармоя ва садҳо ҳазор ҷойи кор фароҳам овардан мумкин.

Бо назардошти ин, вазифаи якҷоя бо ширкатҳои консалтинг лоиҳаҳои нав бинобар принсипи «тадқиқот – коркард – татбиқ» ташаккул дода шавад. Барои он ки инҳо ба сармоягузорони хориҷӣ муаррифӣ гарданд, то охири сол дар ҳар як минтақа анҷумани сармоягузории минтақавӣ баргузор хоҳад гардид.

Инчунин аз ҷониби комиссияи ҳукуматӣ 97 лоиҳаи пурвусъати индустриалӣ омода гаштааст, ки ба иқтисодиёт таҳрики калон мебахшад. Дар доираи онҳо 6,7 миллиард доллар азхуд намудан мумкин, инчунин ба миқдори 3 миллиард доллар маҳсулот тавлид намудан, беш аз 27 ҳазор ҷойи кор фароҳам овардан имконпазир мегардад.

Ба комиссияи ҳукуматӣ супориш дода шуд, ки дар муддати кутоҳ ин лоиҳаҳоро ба кор андохта, кредитҳои хориҷӣ босамар истифода гардад.

Муовинони Сарвазир, вазирон ва ҳокимон бинобар масъалаҳои дар ҷамъомад муҳокимагардида маълумот доданд.

**ЎзА.**

# БА НОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ТАБРИКОТ МЕРАСАД

***Ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз пешвоёни мамлакатҳои хориҷӣ, роҳбарони ташкилотҳои байналхалқии бонуфуз, арбобони намоёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба муносибати дафъатан ба вазифаи роҳбарии давлат интихоб гардиданаш номаҳои табрикӣ мерасад. Дар онҳо таманноҳои самимии дархости муваффақиятҳои нав ба Президент, сулҳу фараҳмандӣ ва шукуфоӣ ба халқи Ўзбекистон изҳор мегарданд.***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз номи мардуми Қазоқистон ва шахсан аз номи худ Шуморо ба муносибати дафъатан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон интихоб гардиданатон самимона табрик менамоям.

Ғалабаи бечунучарои Шумо дар интихобот натиҷаи қонунмандии кори шуҷоатноки Шумо дар вазифаи роҳбари давлат, хизмати фидокоронаатон ба Ватан ва манфиати халқи худ ба шумор меравад.

Натиҷаи овоздиҳӣ гувоҳи аёнии боварии калон ва дастгирии умумихалқии роҳи стратегии Шумо ба шумор меравад, ки ба сохтмони давлати пурзӯр ва шукуфон, мустаҳкам намудани ваҳдати миллӣ ва обрӯи байналхалқии мамлакат нигаронда шудааст.

Мутобиқан бо рӯҳи дӯстии қадима, некҳамсоягӣ ва дастгирии ҳамдигар, моилиро ба минбаъд вусъат додани муносибати Қазоқистону Ўзбекистон дар рӯҳи шарикӣ ва иттифоқи воқеан стратегӣ собит менамоям.

Боварӣ дорам, ки бо кушиши якҷоя мо ҳамкории байнидавлатиамонро ба дараҷаи сифатан нав ба манфиати суботнокӣ, бехатарӣ ва рушди устувори тамоми Осиёи Марказӣ мебардорем.

Аз фурсати дастдода истифода намуда, Шуморо даъват менамоям, ки аз Қазоқистон бо ташрифи давлатӣ боздид намоед.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, таманнои онро дорам, ки тамоми нақшаҳои муайянгардидаро дар фаъолияти масъулиятноки давлатӣ ба хотири фараҳмандӣ ва шукуфоии халқи Ўзбекистон бомуваффақият ба амал татбиқ намоед.

Бо эҳтиром,

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович,

Шуморо бо ғалабаи боварибахшатон дар интихоботи президентӣ самимона табрик менамоям.

Ҷамъбасти интихоботи президентӣ мисоли равшани обрӯи баланди Шумо ва бовариатон дар байни халқи Ўзбекистон ва аз ҷониби он дастгирӣ гардидани сиёсати прагматик ва дурандешонаи Шумо, ки ба таъмини рушди босуботи иҷтимоиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ нигаронда шудааст, ба шумор меравад.

Бовар дорам, ки ислоҳоте, ки зери роҳбарии Шумо ба амал меояд ва инчунин роҳи интихобнамуда барои татбиқи ғоя ва принсипҳои нав оид ба рушди минбаъда ва шукуфоии мамлакат, ки ба мустаҳкам намудани обрӯи Ўзбекистон дар арсаи байналхалқӣ мусоидат менамояд, интихоб гаштааст.

Рушди шарикии стратегии фарогир, мустаҳкам намудани муносиботи боэътимод ва некҳамсоягӣ бо Ҷумҳурии Ўзбекистон дар асоси принсипҳои эҳтиром ва дастгирии ҳамдигар яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор меравад.

Дар муносиботи Қирғизистону Ўзбекистон тағйироти беназири мусбӣ қариб дар тамоми самтҳои ҳамкории дуҷониба ба вуқӯъ пайваста, шартномаҳои дақиқ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории муштараки муҳим ба даст омад.

Шумо саҳми шахсии бузург гирифтанро дар мустаҳкам намудани муносибати байни мамлакатҳоямон идома медиҳед, ки ба ин муносибат изҳори эътимоди қавӣ мекунам, ки бо кушиши якҷоя мо минбаъд низ ҳамкории бисёрҷанбаро вусъат медиҳем ва кушиши максималиро доир ба татбиқи амалии вазифаҳои гузошташуда ва пеш бурдани тамоми қарордодҳоямон барои фаровонии ду халқи бародар сарф менамоем.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, тансиҳатии комил ва дар татбиқи тамоми мақсадҳои гузошта тавфиқ ва ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳ ва шукуфоиро таманно дорам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Садир ЖАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

***Дар Самарқанд маросими супурдани сертификатҳо ба иншооте баргузор шуд, ки ба рӯйхати Созмони «Иншооти ҷолиби сайёҳии ҷаҳонӣ» ворид шудаанд.***

# РЕГИСТОН — ИНШООТИ ҶОЛИБИ САЙЁҲИИ ҶАҲОНӢ

Дар чорабинӣ котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодии Авросиё Владимир Пискурев, муовини ҳокими вилояти Самарқанд Р.Қобилов ва дигарон дар бораи рӯйхат ва аҳамияти он ҳарф заданд.

Дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Авросиё оид ба масъалаҳои фарҳанг, илм ва таълим, ки 7 ноябри соли 2017 дар шаҳри Анталия (Туркия) баргузор шуд, Баённома «Дар бораи оммавӣ кардани иншооти ҷолиби сайёҳӣ ба манфиати рушди устувори ҳамҷамъиятҳо, халқҳо ва миллатҳо» қабул гардид. Дар доираи татбиқ сохтани Баённома Кумитаи байналхалқии масъалаҳои ҷолибияти сайёҳӣ ва рушди устувори сайёҳӣ таъсис ёфт. Мақсади асосии фаъолияти он оммавӣ кардани ҷойҳои диданӣ ва ҳудудҳо дар роҳи рушди устувори ҳамҷамъиятҳо, халқҳо ва миллатҳо муайян гардид.

– Кумитаи байналхалқӣ рӯйхати иншооти ҷолиби сайёҳии ҷаҳониро дар сатҳи ҷаҳонӣ тартиб медиҳад, нав мекунад ва эълон менамояд, дар ин замина ба ҷойҳои моддиву табиии шоистаи диққат ва иншооти маданияти ғайримоддӣ эътибор медиҳад, – гуфт Р.Қобилов. – Дохил кардани иншооти муайян ба рӯйхати иншооти ҷолиби сайёҳии ҷаҳонӣ аз тариқи овоздиҳӣ дар иҷлосияи Кумитаи байналхалқӣ ҳаллу фасл мегардад. То имрӯз ба рӯйхат иншооти мероси моддӣ ва ғайримоддие, ки дар 198 шаҳри кишварҳои узви созмон воқеъ мебошанд, дохил карда шудаанд.

– Мероси ҷаҳонии моддӣ ва ғайримоддӣ аз ҷониби ЮНЕСКО ба қайд гирифта ва ҳифз карда мешавад, – гуфт котиби генералии Созмони ҳамкории иқтисодии Авросиё Владимир Пискурев. – Рӯйхате, ки мо тартиб медиҳем, ба тарғибу ташвиқ ва ҳифзи иншооте мусоидат мекунад, ки дар тамоми ҷаҳон эътибор доранд. Ба сайёҳон имконият дода мешавад, ки иншооти воқеан ҷолибро интихоб намоянд. То имрӯз ба рӯйхати мо 2200 иншооте, ки дар гӯшаву канори гуногуни ҷаҳон воқеъ мебошанд, дохил карда шудаанд. Инак, ин рӯйхат бо майдони Регистон ва маҷмӯи Шоҳи Зинда пурра карда шуд. Овоздиҳӣ дар тӯли чаҳор сол идома ёфт, ба иншооти мазкур сайёҳони 198 давлат баҳои баланд доданд. Он чиз боиси эътибор аст, ки беш аз 50 фоизи овоздиҳандагон дар бораи он, ки Регистон бояд иншооти аввалин барои зиёрати сайёҳони ҷаҳон бошад, ибрози ақида намуданд.

Иншооте, ки ба рӯйхати созмони «Иншооти ҷолиби сайёҳии ҷаҳонӣ» дохил карда шудаанд, аз ҷониби 900 оҷонсии машҳур, аз ҷумла CNN, Euronews, BBC, Sinxua, SNN ва ғайра тарғибу ташвиқ карда мешаванд.

**Ғ. ҲАСАНОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# КМИ ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ ҶАМЪБАСТИ ИНТИХОБОТ ҚАРОР ҚАБУЛ НАМУД

***Ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор гардид. Дар он натиҷаи интихоботи пешазмуҳлати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки 9 июли соли 2023 баргузор гардид, баррасӣ шуд.***

Тавре ки дар ҷамъомад таъкид шуд, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар дараҷаи муносиб бо иштироки фаъоли интихобкунандагон ба вуқӯъ пайваст. Беш аз 15,6 миллион нафар шаҳрвандоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил шуда буданд, ё худ қариб 80 фоиз озодона иродаи худро баён намуда, ба номзаде, ки онро муносиб донистаанд, овоз додаанд.

Дар ҷамъомад баённомаи ҷамъбасти интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки 9 июли соли 2023 барпо гардид, тартиб дода шуд, инчунин қарор дар бораи тасдиқ намудани натиҷаи он қабул гардид. Аз он ҷумла, қарор дар бораи ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бо 87,05 фоизи овозҳои интихобкунандагоне, ки дар интихобот ширкат намудаанд, интихоб гардидани Шавкат Миромонович Мирзиёев қабул гардид.

Инчунин дар баённома зикр шудааст, ки 4,43 фоизи интихобкунандагон барои номзад аз Ҳизби сотсиал-демократии Ўзбекистон «Адолат» Робахон Анваровна Маҳмудова, 4,02 фоизи овозҳо барои номзад аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон Улуғбек Илёсович Иноятов овоз дода, 3,74 фоизи овоздодагон номзадии Абдушукур Худойқулович Ҳамзаевро аз Ҳизби экологии Ўзбекистон дастгирӣ намудаанд.

Ғайр аз ин, масъалае баррасӣ гардид, ки бо муроҷиатҳое, ки ба Комиссияи марказии интихобот дар давраи тайёрӣ ва баргузор намудани интихоботи пешазмуҳлати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон расидаанд, алоқаманд мебошанд ва бобати онҳо қарори дахлдор қабул гардид.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**



*Биноҳои навсохти қабулташхисгузорӣ ва таъмиру таҷдидгардидаи ҳафтқабатаи шуъбаи ҷумҳуриявии Маркази илмиву ёрии тиббиву таъҷилии Фарғона ба истифода супурда шуд.*

*Дар ин ҷо ба мақсади ёрии таъҷилии тиббии замонавӣ барои беморони вазнини дараҷаи гуногун, ки хидматрасонии шабонарӯз ба роҳ монда шудааст, роҳравҳои сурх, барои беморони муҳтоҷи кумаки таъҷилӣ роҳрави зард ва муҳтоҷи кумаки амбулаторӣ роҳрави сабз ташкил намудаанд.*

*Аз ҳама муҳимаш, дар натиҷаи бо ҷиҳозҳои тиббиву замонавӣ муҷаҳҳаз гардидани муассиса дар ин ҷо имкониятҳои баргузор намудани беш аз 60 намуди ҷарроҳии баландтехнологии лапароскопӣ, торакоскопӣ ва эндоваскулярӣ фароҳам оварда шуд.*

***Дар сурат:** дар шуъбаи ҷумҳуриявии Маркази илмиву ёрии тиббиву таъҷилии Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# БЕҲБУДИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ – ДАР МАРКАЗИ ДИҚҚАТ

***Тавре ки маълум аст, дар мамлакати соҳибистиқлоламон диққату эътибор ба таълими томактабӣ беш аз пеш рӯ ба беҳбуд меоварад. Чунин таваҷҷӯҳ боис гардида, ки одамон ҷиҳати ҷалби фарзандонашон ба кӯдакистонҳо муносибати хайрхоҳона доранд ва аз ҷараёни таълиму тарбия дар ин муассисаҳо ибрози ризоият менамоянд. Ин беҳуда нест ва мувофиқи эҳтиёҷ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар биноҳои хушсохту замонавии марбут ба муассисаҳои таълими томактабӣ сол аз сол зиёд мешаванд.***

Дар вилояти Тошканд афзоиш ёфтани теъдоди муассисаҳои таълими томактабии дорои тамоми имкониятҳои замонавиро мардуми он хеле хуш истиқбол мекунанд. Агар ба рақамҳо муроҷиат кунем, соли 2022 фарогирии ин муассисаҳо 38,7 дарсад буд ва то моҳи майи соли 2023 нишондиҳандаи мазкур аз 50 дарсад гузашт. Тибқи нақша то соли 2030 бештар аз 80 фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба кӯдакистонҳо фаро гирифта мешаванд.

Танҳо дар соли равон шумораи муассисаҳои таълими томактабии вилояти Тошканд ба ду адад боз афзоиш ёфт.






Корҳои сохтмон ва муҷаҳҳаз намудани муассисаи давлатии томактабии рақами 13 дар ноҳияи Пискент анҷом ёфт ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бинои кӯҳнаи ин муассиса, воқеъ дар маркази ноҳия соли 1970 сохта шуда, барои 140 ҷой пешбинӣ гардидааст.

Дар асоси барномаи «Сармоягузорӣ»-и соли 2021 ба маблағи 2 миллиарду 600 миллион сӯм бино аз таъмиру бозсозӣ бароварда шуд. Инчунин як бинои иловагии дорои 90 кат дар паҳлӯи он ба истифода дода шуд.

– Имрӯз дар ноҳияи мо 51 муассисаи таълимии томактабӣ фаъолият менамоянд. Ҷамъи кӯдакони аз 3 то 7-сола, ки бояд ба кӯдакистонҳо ҷалб карда шаванд, 7 ҳазору 339 нафарро ташкил мекунанд. Аз ин шумор 4 ҳазору 530 нафари онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Сатҳи фарогирӣ 62%-ро ташкил медиҳад. Ифтитоҳи муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 13 барои баланд бардоштани сатҳи фарогирӣ дар ноҳия ва гирифтани таълими босифати кӯдакон дар он боз заминаи мусоид фароҳам меорад, – мегӯяд мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Пискент Бахтинисо Эшмуродова.

Вай меафзояд, ки муассиса барои 3 гурӯҳи синни хурди кӯдакон муқаррар шуда, дар он толори мусиқӣ, ошхонаи кӯдакона, ҷои пухтупази хӯрок, ҳоҷатхона барои кӯдакон ва кормандон, ҷои хоб, хонаҳо барои гузаронидани машғулиятҳои гуногун ва амсоли он мавҷуд аст. Ба таъкиди Эшмуродова ин бино бо системаи марказгармӣ низ таъмин мебошад. Кӯдакон метавонанд аз оби тозаи нӯшокӣ низ истифода баранд. Қувваи барқ, гази табиӣ низ ба таври лозима таъмин шудааст.

– Дар қисмати бинои кӯҳна, ки барои 140 ҷой пешбинӣ шудааст, майдончаи варзишии дорои тамоми имкониятҳо мавҷуд аст. Ҳамаи ходимони мо соҳиби маълумоти олианд. Барои фарзандони мардум шароити созгор фароҳам оварда шудааст, то ки онҳо аз таҳсили босифат баҳраманд шаванд, – мегӯяд директори кӯдакистони рақами 13 Манзура Инъомова.

Худи ҳамон рӯз дар ноҳия боз як муассисаи таълими томактабии ғайридавлатӣ ба истифода дода шуд. Соҳибкор Шоҳсанам Атаева дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Митан» бо маблағи худ як муассисаи хусусии томактабӣ сохта, ба истифода супурд, ки дорои 50 кат мебошад.

– Дар оянда мо боз барномарезӣ кардаем, ки теъдоди умумии кӯдаконро дар ин муассиса ба 150 нафар расонем. Илова бар ин, барои кӯдакони 1-3 сола гурӯҳҳои махсус низ боз карданием, – гуфт ин соҳибкорзани маҳаллӣ.

Гуфтан бамаврид аст, ки ҳарду муассисаи томактабӣ бо дизайни замонавӣ сохта шудаанд. Дар ин ҷо кӯдакон ғайр аз машғулиятҳои забони англисӣ ва русӣ, боз ба маҳфилҳои шоҳмот, шашка, рассомӣ, гимнастикаи бадеӣ, шиноварӣ ҷалб карда хоҳанд шуд.

Ногуфта намонад, ки дар маросими ифтитоҳи бинои иловагии кӯдакистонҳо меҳмонон аз Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят, намояндагони ҳокимияти ноҳия ва фаъолони ҷомеаи маданӣ иштирок намуда, ба шодии кӯдакон шарик шуданд.

**Шаҳноза ТӮРАЕВА,**
**сармутахассиси дафтари матбуоти Агентии таълими томактабӣ.**

## *ХАБАРҲО*

### ДАВРАИ ПУРМАСЪУЛИЯТИ АБИТУРИЕНТҲО

***Барои довталабоне, ки ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуданианд, давраи пурмасъулият сар шудааст. Мувофиқи маълумоти Вазорати таълими олӣ,фан ва инноватсия то 9 июл барои ворид шудан ба зинаи бакалавриати МТО ҷамъ 316 976 нафар абитуриент ба тарзи онлайн номнавис шудаанд.***

Ба имзо расидани қарори Президент дар бораи чораҳои ташкили самараноки идоракунии давлатӣ дар соҳаи таълими олӣ, фан ва инноватсия дар доираи ислоҳоти маъмурӣ барои дохилшавандагон як қатор имтиёз ва қулайиҳо фароҳам овард. Минбаъд абитуриент метавонад дар имтиҳоноти қабул иштирок карда, баъд самтҳои таълимии барояш мувофиқро интихоб намояд.

Маълум шуд барои соли таҳсили 2023–2024 абитуриентҳо аз ҳама бештар ба Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон, Донишгоҳи иттилоотӣ-технологии Тошканд, Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон (бештар аз 10 ҳазортоӣ) ҳуҷҷат супурдаанд. Ҷойҳои минбаъдаро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тошканд ва Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд ишғол кардаанд.

Ҳуҷҷатсупории тарзи онлайн ба литсейҳои академӣ анҷом ёфт. Ҷамъ 33887 нафар хонандагон номнавис гаштанд. Квотаи ҷудошуда – 14534-то. Саракунии пештараи тарзи хаттӣ барҳам хӯрд, акнун хонандагон барои дохил шудан ба литсейҳо аз санҷишҳо мегузаранд.

Толибилмони аълохоне, ки литсейи академии назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошкандро бомуваффақият хатм кардаанд, метавонанд бе супурдани имтиҳон, бо суҳбати якка, ба донишгоҳ дохил шаванд.

### БОЗ ЯК ЗАВОДИ ВОДОРОДИ «САБЗ»

***Таҳти ҳамкорӣ бо ширкати ACWA Rower (Арабистони Саудӣ) дар шаҳри Чирчиқ заводи истеҳсоли водороди «сабз» барпо хоҳад гашт. Интизор меравад баъди пурра ба кор андохта шудани завод соле 3000 тонна водороди «сабз» истеҳсол карда шавад.***

Тавре хидмати матбуоти Вазорати сармоя, саноат ва савдо хабар медиҳад, дар ин бобат вазир Лазиз Қудратов бо раиси ширкати арабӣ Муҳаммад Абунаян музокира намуд. Лоиҳаи ҳамкорӣ имзо гашт. Сохтмон тирамоҳи соли равон оғоз мегардад.

Арзиши умумии портфели сармоявии дар Ӯзбекистон мавҷудаи ширкати арабӣ бештар аз 6,8 миллиард доллар мебошад. Ҷамъ 8 лоиҳа бояд ба амал татбиқ гардад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҚӮҚАНД – МИЗБОНИ ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ




***11-15 июл дар Донишгоҳи Қӯқанд Фестивали байналмилалии ҷавонони туркзабон баргузор мешавад. Фестивал аз ҷониби ҳукумати вилояти Фарғона, Вазорати фарҳанг ва туризм, Агентии кор бо ҷавонон, инчунин дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмилалии фарҳанги турк баргузор мегардад.***

– Ба фестивал беш аз 200 нафар ҷавонону донишҷӯёни фаъол аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, инчунин аз Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Туркия даъват шудаанд. Имрӯз мо онҳоро хеле гарму нарм истиқбол намудем. Онҳо тавассути қатор вориди Қӯқанди латиф шуданд, – мегӯяд сардори садорати Вазорати фарҳанг ва туризм Зарина Абдуллоева.

Дар доираи фестивал ташкил намудани рӯзи китобхонӣ, мусобиқаҳои варзишӣ аз рӯи намудҳои варзиши миллӣ ва этникӣ, чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, мизи мудаввар оид ба ташкили соҳибкорӣ, омода намудани маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, муколамаҳои эҷодӣ бо ҷавонони маъруф, мулоқоту вохӯриҳо бо ҳунарпешаҳои театр ва кино ва амсоли он барномарезӣ шудаанд.

Дарвоқеъ, Қӯқанд ба сифати «Шаҳри ҳунармандони ҷаҳон» пазируфта шудааст. Ин номи ифтихорӣ ҳанӯз моҳи августи соли 2018 зимни баргузории ҷашнвораи байналмилалии ҳунармандон ба ин шаҳр дода шуд. Ҳамон маросим бо ширкати президенти Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандӣ Рози Гринлис ва президенти Шӯрои ҷаҳонии ҳунармандии минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором Гада Хичавий-Каддумӣ баргузор шуда буд. Ба феҳрасти шаҳрҳои ҷаҳонии ҳунармандӣ 30 шаҳри ҷаҳон шомил мебошанд. Гузашта аз ин, шаҳри Қӯқанд пойтахти туризми ҷаҳон эълон шудааст.

– Дар мамлакатамон барои баргузор намудани чорабиниҳои бонуфуз тамоми шароити созгор мусоидат менамояд. Аз ҷумла, Қӯқанд дар солҳои охир чандин тадбири муҳими байналмилалиро мизбонӣ намуд. Ҷавонон дар баробари он ки ҷашнвораи худро баргузор мекунанд, ҳамзамон аз ҷойҳои таърихӣ, ёдгориҳои меъмориву фарҳангии он низ боздид хоҳанд кард, – мегӯяд ҳокими шаҳри Қӯқанд Маъруфҷон Усмонов.

Ногуфта намонад, ки дар чаҳорчӯби ин фестивал ҷавонон ва меҳмонони он ба шаҳрҳои Фарғона, Марғелон ва Риштон низ ташриф меоваранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Шаҳри ҚӮҚАНД.*

# БА НОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ТАБРИКОТ МЕРАСАД

(Аввалаш дар саҳ. 1).

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович,

Самимитарин табрикотамонро бинобар ғалабаи боэътимоди Шумо дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул фармоед.

Натиҷаи ин маъракаи муҳими сиёсӣ мисоли равшани нуфузи баланди Шумо, боварӣ ва дастгирии қатъии халқи Ӯзбекистон ба роҳи стратегии Шумо, ки ба такомули иҷтимоиву иқтисодии муттасили Ӯзбекистон ва мустаҳкамсозии тадриҷии мавқеи он дар арсаи байналхалқӣ нигаронда шудааст, ба шумор меравад.

Саҳми бузурги шахсан Шуморо дар таъмини рушди муттасили муносибати дӯстонаи Тоҷикистону Ӯзбекистон, некҳамсоягӣ ва ҳамкории бисёрҷанба таъкид намуда, изҳори манфиатдориамонро аз амиқсозӣ ва ғанисозии ҳаматарафаи онҳо бо муҳтавои нави амалӣ изҳор менамоям.

Боварӣ дорам, ки мо бо Шумо минбаъд низ кушиши муштаракро барои босамар пеш бурдани шарикии стратегӣ ва ҳамдастии иттифоқии ду мамлакат бинобар манфиатҳои куллии халқҳоямон ба кор мебарем.

Ба Шумо, Шавкат Миромоновичи азиз, тансиҳатии комил, бурдбориҳои нав ва татбиқи муваффақиятноки тамоми нақшаҳоятон ба хотири рушди бебозгашти Ӯзбекистони дӯст, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳи ҳамешагӣ, фараҳмандӣ ва шукуфоиро таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шуморо бо ғалабаи боваринокатон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дафъатан интихоб гардидан ба ин вазифа самимона табрик мегӯям!

Солҳои охир зери роҳбарии Шумо Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо қадамҳои боваринок бо роҳи рушди муттасил пеш рафта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият муваффақиятҳои калонро ноил гардида, дар ҷаҳон тадриҷан обрӯи худро мустаҳкам мегардонад.

Имрӯз муносибати байни Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар дараҷаи баланд қарор дорад. Ҳамкории мустаҳками дуҷониба бинобар ҷодаҳои васеъ, аз он ҷумла сиёсиву дипломатӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва робитаҳои маданиву инсонпарварӣ роҳандозӣ гаштаанд.

Аз ин имконоти нек истифода бурда, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо тансиҳатии комил, бахт ва дар фаъолияти масъулиятноки Шумо тавфиқ, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳ, тараққиёт ва шукуфоии минбаъдаро орзумандам.

Бо эҳтироми амиқ ва сипоси калон,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Пешвои миллии халқи туркман,**
**Раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон**

***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз номи халқ ва Ҳукумати Туркманистон ва ҳамчунин шахсан аз номи худ ба Шумо самимитарин табрикотро бинобар пирӯзӣ дар интихоботи президентии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ирсол менамоям.

Ҷамъбасти интихобот бори дигар собит намуд, ки роҳи сиёсии Шуморо, ки ба беҳсозии аҳволи мамлакат нигаронда шудааст, дастгирӣ менамоянд.

Туркманистон ба мустаҳкам намудани муносибати дуҷониба бо Ӯзбекистон, ки риштаҳои мустаҳками дӯстӣ ва некҳамсоягӣ аз озмоиши замонҳо гузашта асос меёбад, аҳамияти муҳим медиҳад.

Омодагиамонро ба кори муштараки босамар ва нияти минбаъд низ харҷ намудани тамоми кушиш изҳор менамоям, ки муносибати байни мамлакатҳоямонро ба дараҷаи сифатан нав барорем.

Аз ин фурсати нек, муҳтарам Шавкат Миромонович, истифода намуда, ба Шумо тансиҳатии комил, бахт ва дар фаъолияти масъулиятноки Шумо дар вазифаи роҳбари давлат муваффақият, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳ ва шукуфоиро таманно дорам.

Бо эҳтироми амиқ,

**Сирдар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Аълоҳазрат,

Ба ман, ки ба Шумо Аълоҳазрат самимитарин ва гармтарин орзуҳоро бинобар дафъатан интихоб гардидан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон изҳор менамоям, қаноатмандии бузург мебахшад.

Ба Шумо Аълоҳазрат тансиҳатии комил ва бахт, ба ҳукумат ва мардуми Ӯзбекистони дӯст рушд ва шукуфоии баъдинаро орзумандам.

Эҳтироми амиқи маро қабул фармоед.

**Шайх Муҳаммад бин Зайд ал-НАҲАЙЯН,**
**Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб**

***

**Ба Аълоҳазрат**
**ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Иҷозат фармоед Шуморо ба муносибати дафъатан интихоб гардидан ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон табрик намоям. Ман боварии қатъӣ дорам, ки натиҷаи интихобот аз дастгирии бечунучарои халқи Ӯзбекистон аз самти сиёсати Шумо бозгӯӣ менамояд.

Ман он нуктаро қадр менамоям, ки муносибати дуҷонибаи мамлакатҳоямон ба дараҷаи нав бардошта шудааст. Хушҳолам аз он, ки имконоти идома додани кори шурӯъкардаамонро ба манфиатҳои Венгрия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон идома медиҳем, чунки мо метавонем ҳамкории муфиди тарафайнро дар бисёр соҳаҳои дигар инкишоф диҳем. Боварӣ дорам, ки шарикиамон дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, маданӣ ва таълимӣ имконоти навро фароҳам меорад.

Ман бовар мекунонам, ки Шумо минбаъд низ ба моилии Ҳукумати ман ба тамоми ташаббусҳои доирае, ки ба муносибати дуҷонибаамон ва мустаҳкам намудани ҳамкориамон дар доираи Созмони давлатҳои туркӣ мусоидат менамояд, бовар намоед. Ман муштоқона ҳамоиши моҳи октябри соли 2023 ва мулоқоти шахсиамонро моҳи август бесаброна интизорам.

Ба Шумо дар кори масъулиятнокатон муваффақият ва тандурустӣ орзу дорам.

Бо эҳтиром,

**Виктор ОРБАН,**
**Сарвазири Венгрия**

***

*Инчунин инҳо табрикоти худро ирсол намудаанд:*

Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб шайх **Муҳаммад бин Рашид ал-Мактум**,
Ноиб-президент, муовини Сарвазир, вазир оид ба корҳои Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб шайх **Мансур бин Зайд ал-Наҳайян**,
Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон **Шаҳбоз Шариф**,
Котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил **Сергей Лебедев**,
Котиби генералии Ташкилоти ҷаҳонии сайёҳӣ **Зураб Пололикашвили**.

Амвоҷи табрикот идома дорад.

# ҲИФЗИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХӢ – МАСЪАЛАИ МУҲИМ

***Ёдгориҳои таърихӣ мероси гаронбаҳои мадании мардуми мост. Тоқу мадраса, масҷиду манора, мақбараю зиёратгоҳҳои шаҳрҳои кӯҳнаи мамлакатамон диққати оламиёнро беш аз пеш сӯи худ мекашад. Ҳоло дар шаҳри Бухоро қариб ҳазор объекти мероси маданӣ мавҷуд буда, баҳри таъмиру таҷдид ва нигаҳдории онҳо эътибор беш аз пеш афзудааст.***

Қарори 110-уми Девони Вазирон аз 10 марти соли 2022 «Дар бораи чораю тадбирҳои инкишоф додани инфрасохтори объектҳои сайёҳӣ ва мероси маданӣ дар соли 2022» дар Бухоро дар 23 объекти таърихӣ ҷараёни корҳои таъмиру таҷдид ва консерватсия ба амал омад. Соли ҷорӣ дар 37 чунин объект гузаронидани корҳои барқароркунӣ дар назар дошта шудааст. Барои татбиқёбии ин корҳо устоҳои пурмалака лозиманд. Аз ин ҷиҳат омӯхтани таҷрибаи байналхалқӣ ва ба амал татбиқ намудани он ба мақсад мувофиқ аст. Видеомулоқоти ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов бо ҷонишини директори Институти тадқиқотҳои маданият ва санъати назди Донишгоҳи Теҳрон Сиёвуш Собири Коҳкӣ, профессори Донишгоҳи Теҳрон Ҳаначӣ, ҷонишини директори Агентии мероси маданиии Ӯзбекистон Шӯҳрат Маҳмудов ва масъулони дигар, ки 10 июли соли ҷорӣ сурат гирифт, ба ҳамин масъала дахл дошт. Ҳокими вилоят таърихи зиёд доштани ҳамкориҳои амиқи байни шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хева, Шаҳрисабз ва ғайраро бо шаҳрҳои Исфаҳон, Машҳад, Шероз, Ҳамадон, Язд бобати бунёди мадрасаю масҷид ва таъмири онҳо таъкид намуд. Ҳоло бошад робитаҳоямон дар ин бора ва сайёҳӣ бо шаҳри Ҳамадон вусъат меёбад. Ҳамкориҳои тарафайн, таҷрибаивазкуниҳо имкон медиҳанд, ки усулҳои самаранок ба амал татбиқ гарданд.

Сиёвуш Собирӣ чанде пеш ба Бухоро омада, бо объектҳои мероси мадании Бухоро шинос шуданашро гуфт. Вай таъкид намуд, ки дар Бухоро бобати ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ хидматҳои арзанда кардаанд. Бо вуҷуди ин ҳангоми таъмири объектҳои таърихӣ солҳои охир истифода аз семент ва бетон боиси шӯрзании дарун ва беруни бино гаштаанд.

– Танҳо бо истифода аз ашёи табиии сохтмон объекти таърихиро аз фарсудашавӣ нигоҳ доштан мумкин аст, – изҳори ақида намуд вай.

Ҳангоми мулоқот бобати ислоҳ ва пешгирӣ кардани норасоиҳо мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар охир оиди ба таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихии Бухоро ҷалб намудани устоҳои пуртаҷрибаи Эрон аҳду паймон карда шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Аҷаб диёре*

# «ХОҶАИ ПОК»-РО ПОК НИГАҲ ДОРЕМ!

***Сафари эҷодии мо ба деҳаҳои тоҷикнишини ноҳияҳои Олтинсой ва Бойсуни вилояти Сурхондарё аз зиёратгоҳи маъруфи Хоҷаи Пок, ки 18 километр дуртар аз маркази ноҳияи Олтинсой аст, оғоз гирифт ва билохира пас аз сайри ҳаштрӯзаи кӯҳистони ин атроф дар ҳамин мавзеъ анҷом пазируфт.***

Роҳбаладии мо як тан аз шоирони порсигӯйи маҳаллӣ Муҳаммадрӯзӣ Ғанизода буд, ки нахуст бо машварати ин шахси фарҳехта зиёратгоҳи Хоҷаи Покро дидем ва пас аз дуову фотиҳа ба арвоҳи он азизи Худованд роҳи худро ба деҳаҳои кӯҳистон идома додем.

Зиёратгоҳи Хоҷаи Пок дар ин рӯзҳои гарми тобистон серодам буд. Мардуми зиёде аз обу ҳавои ҷонбахши ин маскани пок баҳраманд гашта, ба рӯҳу тани кӯфтаи худ таскин мебахшиданд. Рӯдхонаи шӯхобе, ки аз фарози куллаҳои кӯҳи Бобоҳу ва Хоҷа Гургурато гоҳе бо суръат ва гоҳе бо тамкин ба ҳамвориҳо ҷорӣ мегардад, зиёратгоҳи Хоҷаи Покро убур мекунад. Аз холигоҳи бағали сангистони яклухт ду санг оби омехта бо маъданҳо берун меояд, ки назар ба ташхисҳо ба гуна-гуна маризиҳои пӯст даво будааст. Дар пояи деворакӯҳи баланд барои мардуми ихлосманд ҳавзҳои махсус сохтаанд.

Зиёратгоҳ ва осоишгоҳи Хоҷаи Пок тибқи дастури махсуси идораҳои мутасаддӣ обод мегардад ва барои зиёраткунандагон шароити буду бош, омаду рафт муҳайё карда мешавад. Як қисмати роҳи мошингарде, ки шоҳроҳи Олтинсой – Деҳнавро ба Хоҷаи Пок пайвастааст, тармим гашта, дар қисмати дигари он корҳои ободонӣ ва азнавсозӣ идома доранд. Корҳои соҳилбандӣ низ бо ҷадал иҷро мешаванд, ки мурод аз он таъмини амнияти роҳи мошингард мебошад. Дар зиёратгоҳи Хоҷаи Пок барои хоби мардум низ шароит муҳайёст.

Роҳбари зиёратгоҳ Насруллоҳ Каримов гуфт, ки назар ба солҳои қаблӣ сафи зиёраткунандагон хеле афзудааст ва ба ин қарору фармонҳои роҳбари давлат дар робита ба ривоҷи соҳаи сайёҳӣ, хоса туризми зиёратӣ мусоидат кардаанд. Вай таъкид кард, ки агар солҳои пеш бештар мардуми шаҳру навоҳии вилояти Сурхондарё ба зиёрат ва истироҳат оянд, ҳоло аз тамоми гӯшаву канори ҷумҳурӣ сайёҳон меоянд ва аз оби шифобахши зиёратгоҳ баҳраманд мегарданд.

Аммо ба мушоҳида мерасад, ки ҳанӯз дар Хоҷаи Пок барои зиёраткунандагон шароит ба таври бояду шояд муҳайё нагардидааст. Ҳатто барои нигоҳ доштани мошинҳо ҷойи махсус вуҷуд надорад. Ду-се нафар постгоҳе ташкил додаву аз ронандагони мошинҳо маблағи муайяне меситонанд. Ин манзараи хеле риққатовар аст. Ин маблағситонӣ ба он мақоли мардумӣ «аз паси шолӣ курмак об мехӯрад», шабоҳат дорад.

Боз як ҷиҳати манфӣ ба чашми мо расид, ки роҳбарияти зиёратгоҳи Хоҷаи Пок бояд ба ин масъала бештар диққат диҳанд. Дар ин рӯзҳои ниҳоят гарми тобистон мардуми зиёде ба зиёратгоҳ омадаанд ва онҳо ба оби ҷонбахши рӯдхона гӯё чун мӯрча ба ширинӣ часпидаанд. Ду соҳили дарёчаи шӯхоб, ки зиёратгоҳро миёнбур мекунад, аз марду зан ва кӯдакон пур аст, ки оббозӣ мекунанд ва таъсири гармии офтоби тамузро дар тани худ коҳиш медиҳанд. Як қисми дарёча (ба ҷониби деҳаи Фангат) барои занону кӯдакон ҷудо шудааст ва онҳо дар дарозии тақрибан сад-дусад метр машғули оббозӣ ҳастанд. Мардону занонро аз чашми ҳамдигар як печи дарёча аз ҳам ҷудо ва панаҳ мекунад. Як сими тормонанд ду соҳили рӯдхонаро ба ҳам васл месозад, ки шояд замоне дар он парда кашида будаанд, аммо вақте мо аз он ҷо гузар кардем, парда барафтода буд. Аз шарм сурх шудаву намедонистем, ки нигоҳро ба куҷо гурезонем. Салоҳи кор ин аст, ки ҷойҳои оббозии мардону занон аз ҳам ҷудо бошанд, то ба фарҳанг ва дину оини аҷдодии мо халал ворид нагардад. Аслан, агар нек биандешем, зиёратгоҳ ҷойи оббозӣ нест. Ин ҷо як мавзеи покест ва бояд ба номаш мувофиқ бошад. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки соҳили рӯдхонаро мардум ба наҷосат олудаанд ва чун гузар мекунед, аз тааффуни бадаш дил беҳузур мегардад. Бо таассуф гиреҳбон медоред, ки наход инсон ба ин гуна пастӣ меравад ва як гӯшаи нозанини табиату макони покро, ки ба мавзеи зиёрати мардуми ихлосманд мубаддал гаштааст, бо як бешарафие ба гандагӣ олуда созад! Қад-қади дарёча аз партавҳо пур шудаанд. Касеро ба гӯшаи хаёл намеояд, ки тозагӣ гаравӣ саломатӣ аст!

Аз он дар ҳайрат мемонӣ, ки чаро роҳбарияти зиёратгоҳ барои мардум шароит муҳайё намесозад. Охир, дар ду-се ҷой ташкил кардани ҳоҷатхонаҳои муваққатӣ наход мушкил бошад? Ҳамчунин гузоштани қуттиҳои партов.

Боз як масъалае, ки бояд ҳамеша дар мадди назари роҳбарият бошад, ин вобаста ба амнияти зиёраткунандагон аст. Яъне нафароне, ки бо зану бачагони худ машғули тафреҳ ва оббозӣ ҳастанд, аз хавфу хатар эмин нестанд. Дарёчаи Хоҷаи Пок аз кӯҳистони баланди ин атроф оғоз мегирад ва баъзан дар дуриҳо борони сел боридан аш аз эҳтимол дур нест. Дар чунин ҳолат хатари ногоҳ сарозер шудани сел вуҷуд дорад. Худо накарда борони шадиде борад ва ногоҳ сел ояд, мардуме, ки дар тангнои дарёча машғули оббозӣ ҳастанд, ҷойи гурез надоранд… Ин ҷиҳати масъала низ набояд аз эътибори роҳбарияти зиёратгоҳ ва осоишгоҳи Хоҷаи Пок дур монад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигорони «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ҲАМЕША БО ВАТАН

*(Очерк)*

Вақте аз мошин поён омад, деҳа оҳиста ба ҳукми шом тобеъ мешуд. Садоҳои мухталиф ба тадриҷ фурӯ нишаста, як сукути баасрор доман мегустурд. Ба сару рӯи мард ҳавои салқини тирамоҳон нишаста, боди шомҳангом аз дуриҳо – аз паҳнои боғзорони васеъ накҳати себу анор, хурмову ангур… ва боз чандин бӯйи барояш шиносро расонд. Вай, димоғаш муаттар, ба ду самти роҳи васеъ, ки дуртар аз ҷои истодаи ӯ печ хӯрда аз як ҷониб ба дарёчаи қаламрав ва аз сӯи дигар ба пушти талҳои бегиёҳ пайваставу паноҳ мешуданд, назар партофта аз чӣ бошад, пастиву баландиҳои ҳаёти одамиро ба хотир овард. Оҳе меҳмони лабҳояш шуд, аммо зуд аз сари ин андешаҳо гузашта, дубора асири бӯйи хоси деҳа гашт. Ҳамин ҳоло кадом ҳамдеҳаи сахтҷони ӯ аз оби ангур ширинӣ мепухт магар, ки низ бӯйи хушу аҷаб форамаш ба атроф паҳн мегашт. Мард дар худ тасаввур кард, ки чӣ тавр бонуе гирди оташдон нишаставу нигоҳи чашмони аз кӯрдуд ба сӯзишомада ва обкушодаашро мудом ба ширинии дарҷӯш дӯхта, ҳар замон бо дасткоса онро бод медиҳад. Бод медиҳад, то дамидаву аз лаби зарфи то баногӯшаш пур ба хок рехта, талаф наёбад. Ӯ нек медонад, ки ширинипазӣ чӣ машаққате дорад, ҳар тоифа мардум таҳаммули он меҳнати дандоншиканро надоранд! Айнан як замонаҳо модари вай – зани нерӯманду серғайрат Рӯзихол ҳам ба ин тарз ширинӣ мепухт. Вай дар қатори бародаронаш ба модар кумак мерасонд. Гоҳ ба коми оташ ҳезум мепартофт, гоҳе бо сатил оби ангури афшурдаашонро кашондаву ба даҳони дег мерехт. Пас, оҳиста ҷӯшида-ҷӯшида ширинӣ омода мегардид… Аммо ҳоло он азиз дар қайди ҳаёт нест.

– Равонат шод ва манзили охиратат обод бод, очаҷон! – аз дил гузаронида, даст ба дуо бардошт мард.

Ҳар гоҳе аз Душанбе ба деҳа ояд, ҳатман ба зиёрати қабри волидон меравад. Онҳо дар қабристони Лалмикори деҳа ба хоби абад рафтаанд. Падараш Холбой, модараш Рӯзихол, бародаронаш Абдухалилу Абдуҷалил… ва боз даҳҳо пайвандони дигар.

Мард ҳоло ҷавон нест, дар кӯлбори умр шаст солро захира кардааст, дар хирмани мӯйҳои замоне қатрониаш сафедӣ дамида, дар бари рӯю ҷабинаш ожангҳо зуҳур кардаанд. Айёми охир ӯро ғами ин дунёи фонӣ не, балки он дунёе, ки ғолибан бақояш меноманд, бештар машғул медорад. Зиёдтар ба корҳои савоб даст зада, ҳар қадами худро дар роҳи хушнудии Парвардигор мегузорад.

Сумкаи сафариаш ҳамоно дар сари китф аз ҳавои деҳа нафас кашида ва симои гарми падару модар ва бародарони марҳуми худро як-як пеши назар оварда, аз шитоби умри инсонӣ дар ҳайрат мемонд. Гӯё дирӯзак ҳама сарҷамъ сари як хон нишаста, насиба мебардоштанд, модар фариштавор ба шербачаҳои худ назар афканда, победи ифтихор мешуд, падар аз шӯхиҳои фарзандон ба ваҷд ояд ҳам, симояш ҷиддӣ ба гӯши онҳо дурри насиҳат мерехт… Акнун ҷамъи онҳо парешон шудааст! Вай боз оҳкашон ба ёд овард, ки чӣ хел бо ҳамсолони худ дар кӯчаҳои деҳа хартозию хокбозӣ мекарданд, аз саҳроҳо коҳ ҷамъ овардаву ба хона мекашонданд. Гоҳе харсавор аз боғзорони колхоз алаф хишова карда, барои ҷонваракони хонадон захира мекарданд. Аммо ҳоло… вай як марди солор ва шаҳрнишин аст, аз ташвишу таҳлукаи аҳли русто дур мондааст. Вале он давраҳои беғилу ғаш дар ёдҳояш абадан нақш баста, ҳар гоҳ ба деҳа биёяд, зуд пеши назараш зинда мегарданд ва ӯро ба доми худ кашида, бас мутаассир месозанд.

Вай ҳанӯз рӯ ба девори барқади кӯҳи Фарҳод ҳайкалвор рост меистод. Аз лаби шоҳроҳ то пошнаи кӯҳи пешорӯ ҳавлиҳои мардум ҷой гирифтаанд ва дару девору бомашон пасту баланд буда, олами афсонаро ба хотир меоварданд. Ба сари дарахтони бешумор, ки зинати ин макон ҳастанд, кайҳо боди хазон давида, аз вуҷудашон он шукӯҳи пешинро рабудааст – баргҳояшон, ки башумор мондаанд, ҳоло бо зӯри иродат дар шохсорони баланд овезонанд ва ранги сабзашон бештар ба заъфарон бадал шудааст. Дар ин масофа се деҳаи оғӯш ба оғӯш ҷой гирифтаанд, ки Бибиширин, Пасурхӣ ва Кӯшкак ном доранд. Сокинони ин деҳаҳо дар меҳнат машҳур гаштаанд. Аслан ризқи худро аз пайи деҳқонӣ ва ҳунармандӣ пайдо мекунанд. Мард ин ҳамаро хеле хуб медонад ва фахр ҳам мекунад, ки ҳамдеҳагонаш аз меҳнат асло наметарсанд. Баръакс, мазмуни роҳатро дар меҳнат мебинанд. Айнан ҳамин хислатро худи ӯ низ дорад: ҳаргиз аз меҳнати ҳалол сар намепечад.

Вай дидагони худро ба фарози он кӯҳи азим дӯхта, дар машом бӯйи хоси деҳ зуд-зуд шуши худро пур карда нафас мегирифт, аммо ёду хаёлаш бештар ба замонаҳои дур пайваст мешуд ва гузаштаву имрӯзи зодгоҳи худро муқоиса карда, дар ҳайрат мемонд, ки ҳоло ҳаёт чӣ қадар пеш рафтааст, тафаккури одамон ҳам хеле рушд кардааст.

Бале, замони бачагии ӯ дар оғӯши ҳамин деҳа, ки Бибиширин мегуфтандаш, гузаштааст. Он вақтҳо деҳа ҷамъияти башуморе дошт. Аммо ҳоло нуфуси он чандин мартаба боло рафта, масоҳаташ аз ҳисоби заминҳои лалмии атроф боз ҳам фарохтар шудааст. Дили мард аз ёди он айёми дур сахт ба тапидан даромадаву гоҳе чун мушт фишурда мешуд. Ёд дорад, ки чун мактабро хатм намуд, аз домани ҳамин хокдон, ана мисли ҳозир як сумка сари китф ба умеди дарёфти дониши бештаре ба шаҳри азими Душанбе рафта буд. Ҳарчанд меҳри ватани бобоӣ ӯро чун оҳанрабо ба худ мекашид, аммо хаёли такмили донишу малака водор месохт, ки чӣ қадар душвор бошад ҳам, дар шаҳр бимонад ва ба орзуҳои дилаш бирасад.

Ва ин тавр, шаҳрнишин шуд ӯ ва муқими асили шаҳри Душанбе гашт, ғолибан дар оғӯши ин маскани зебо зиставу шукри Худованд, нон ёфт, ном ёфт, қӯша-қӯша фарзандонро ба дунё оварданд, дар тарбияту камолоти онҳо падарвор заҳмат кашид… Охир, дар зиндагӣ барои хушбахтии воқеӣ боз чӣ ҳам лозим?

Акнун ӯ дар байни мардум бо номи Ҳоҷӣ Холмуҳаммад машҳур аст. Албатта, дар деҳаи Бибиширин зоирони Каъба кам нестанд, дар Душанбе барин шаҳр-ку, э ҳа-а… сафи ин гуна одамон боз ҳам зиёд аст. Аммо дар деҳа чун мардум номи Ҳоҷиро ба забон меронанд, дарҳол фикру зикри аксар ба ҳамдеҳаи душанбегии худ, ба Холмуҳаммад Тӯраев банд мегардад. Чунки ба маҳбубияти халқ сазовор гаштан кори саҳле нест ва он танҳо бо як Ҳаҷ кардан маҳдуд намешавад. Мардуми ҳушёру закӣ ин нуктаро хеле хуб дарк мекунанд. То касеро ба эҳтироми ҳақиқӣ лоиқ бидонанд, ба пиндору гуфтору кирдори он одам менигаранд, аз чаҳор ҳад ба тарозуи таҳқиқ андохта, баъд баҳои худро медиҳанд. Агар амали кас ғолибан аз некиву накӯкорӣ маншаъ бигирад, мардум бештар ба вай ихлосманд мешаванд ва эҳтиромашон низ самимӣ мегардад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ОБОДГАРИҲО БАРОИ ХУШНУДИИ САЙЁҲОН

***Ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Миракӣ» яке аз мавзеъҳои хушбоду ҳавои ноҳияи Шаҳрисабз ба шумор меравад, ки кунун ба маҳалли сайёҳӣ мубаддал гаштааст.***

Ин маскан дар оғӯши кӯҳҳои азим воқеъ гашта, солҳои охир бо табиати нотакрори худ диққати сайёҳони хориҷиву ватаниро ба худ ҷалб месозад. Шумори сайёҳоне, ки барои тафреҳ мавзеи кӯҳистонро интихоб месозанд, сол аз сол меафзояд. Ин аст, ки барои онҳо шароити мусоиде фароҳам овардан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати маҳаллӣ қарор гирифтааст. Ҳоло мавҷи рӯзафзуни сайёҳон ба самти Миракӣ ҳукуматро водор сохтааст, ки роҳҳои омаду рафтро ба ин самт тахту ҳамвор ва мумфарш намоянд. Ҳудуди чаҳор километр роҳ ба сӯи Миракӣ, ки аз серҳаракаттарин масир ба шумор меравад ва дар собиқа ҷавобгӯйи талабот набуд, васеъ кардаву мумфарш гардиданд. Аз ду бари роҳ барои пиёдагардӣ низ шароит муҳайё шудааст. Насб гардидани ҷӯйборҳои бетонии замонавӣ ҳам яке аз корҳои шоёни роҳсозон аст, ки роҳи мошингард ва пиёдаравро аз ҳам ҷудо месозанд. Аз сари пояҳои бетонӣ нурафканҳои азим нурафшонӣ мекунанд ва ин ба кайфияти сайёҳон меафзояд.

Бояд таъкид сохт, ки чунин ободкориҳо дар маҳаллаи «Амир Темур» низ ба сомон расонида шуданд, ки роҳҳои мумфаршгардидаи ин мавзеъ дар маҷмӯъ қариб 19 километрро ташкил медиҳад. Барои иҷрои ин амалҳои хайр аз буҷаи давлат зиёда аз 17 миллиард сӯм маблағ равона шудааст.

**Ш. ХОЛОВ,**
**вилояти Қашқадарё.**




*Дар Маркази фарҳангии ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобури Бухоро, ки соли 1988 ташкил ёфтааст, студияҳои рақси миллӣ, пианино, суратгирӣ ва наворбардорӣ фаъолият мебарад.*

*Марказ дар озмуну чорабиниҳое, ки дар миқёси шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ баргузор мешаванд, фаъол иштирок намуда, дар самтҳои рақс, мақом, сурудҳои милливу эстрада соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ мегардад.*

***(Аз шабакаи telegram-и расмии ҳокимияти вилояти Бухоро).***

# КАБАР – РУСТАНИИ БОСАМАР

***Ин растанӣ асосан дар дашту биёбон мерӯяд. Пайдоиши номи онро ба минтақаи Дашти Кабари кишвари Эрон вобаста медонанд. Зеро дар он ҳудуд аз қадим кабар месабзад. Кабарро дар Фаронса, Испания, Италия ва Амрикои Шимолӣ маданӣ кардаанд. Мисле ки дар ноҳияҳои Булоқбошии Андиҷон, Чусту Косонсойи Намангон, ҳудудҳои наздикӯҳии вилояти Тошканд дида мешавад, дар ҳудудҳои ноҳияҳои Зомин, Ғаллаарал, Фориш, Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах низ кабар ҳаст.***

Дар шаҳраки Хонбандии ноҳияи Фориш корхонаи «O'rmoncha-Capers» фаъолият менамояд, ки меваи кабари мардум ғуновардаро қабул мекунад ва ба қадоққунии он машғул аст.

Маҳсулоти тайёр ва нимтайёрро ин корхона ба якчанд давлатҳои Аврупо содир менамояд.

Кабар ба хушкӣ ва хунукӣ тобовар аст. Агар решаашро барои рафъи гепатит ба кор баранд, шоху баргаш барои ҳимоя аз вирус хеле муфид мебошад. Дар таркиби кабар кислотаи аскарбин мавҷуд аст.

Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз дар замони зиндагӣ аз ин рустанӣ ҳангоми табобатҳояш истифода бурдааст ва дар ин бора дар асарҳои худ навиштааст.

Дар ошхонаҳои Фаронса гули кабар ҳамчун зиравор истифода мешавад. Дар табобати халқӣ барои рафъи ҳар гуна ҷароҳат ба кор мебаранд, аз ин ҷиҳат кабар барои саноати дорусозӣ рустании даркорист.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»,**
**дар вилояти Ҷиззах.**

# РИШТАҲОИ ПАЙВАНД

Нависандаи номвари ӯзбек Абдулло Қодирӣ бузургвории Устод Айниро эътироф месохт, мегуфт вай ба кулли адибони тоҷик ва ӯзбек дар шароити нави таърихӣ, ки адабиёт барпо мекарданд, ҳарҷиҳата намунаи ибрат буд.

Ҳарду адиби номвар навиштаҳояшонро аз назари ҳам мегузаронданд, фикру дархостҳои якдигарро ба эътибор мегирифтанд.

Мутаассифона, Абдулло Қодирӣ ҳамагӣ 44 сол умр ба сар бурду халос. Дар авҷи камолоти эҷодӣ ба табъид дучор ва хазон гашт. Фоҷиаи адабиёти ӯзбек қаламдод кард Устод Айнӣ фавти дӯсти ҳамқалами худро, ки аз ин бисёр мутаассир шуда буд.

Чанд сол пештар ҳавлии Қодирӣ воқеъ дар Самарқанддарвозаи ноҳияи Шайхонтаҳур ба музей табдил дода шуд. Дар маросими мутантани кушоиши осорхона, ки дар доираи ҳукуматӣ сурат гирифт, ман ҳам иштирок карда будам. Ходимони ҷамъиятию сиёсӣ, адибон, чеҳраҳои намоёни фарҳанг Ш. Ризоев, Х.Султонов, А. Мирзоев ва дигарон дар пайдоиш ва равнақи адабиёти муосири ӯзбек хидматҳои шоёни Абдулло Қодириро таъкид карданд. Номи адибони забардасти дигар низ зикр гашт, ки Қодирӣ бо онҳо аз наздик ҳамкорӣ дошт. Дар ин замина, аз ҷумла, номи Устод Айнӣ бо ҳурмати тамом ба забон оварда шуд.

Вориди ҳуҷрае шудем, ки як замонҳо Қодирӣ дар он эҷод мекард, дӯстони ҳамқалам аз дуру наздикро қабул менамуд, суҳбатҳои эҷодӣ сари як пиёла чой қӯр мегирифт. Дар девор – акси Айниву Қодирӣ, ки гарми гуфтугӯянд. Расмро бо маҳорати том Алишер Мирзоев кашидааст.

Баъде Қодирӣ даргузашт, дар қалби писари ӯ Ҳабибулло Қодирӣ нияти навиштани хотираҳо дар бораи падар пайдо шуд. Солҳои дароз худро ба ин кор омода намуд. «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айниро хонда баромад. Ҳамчунин аз болои як фикри устод оиди он ки навиштани хотира нисбат ба таълифи асар дар дигар жанрҳо мушкилтар аст, ба андеша рафт. Вай дар муқаддимаи асари ёддоштиаш «Дар бораи падарам» ин тавр навиштааст: «Вақте ин хотираро менавиштам, гуфтаҳои Айнӣ беихтиёр аз дилам мегузашт ва ҳақиқатан ҳам душвории ёддоштнависиро дар вуҷуд ҳис менамудам».

Дар ҷойи дигар илова месозад, дар навиштани ин китоб суҳбатҳое, ки ба адибони забардасти давр намудам, заминаи муҳим гаштанд. Вай дар навбати аввал боз номи Устод Айниро қайд кардааст.

Абдулло Қодирӣ дар олами адаб қабл аз ҳама бо романҳои худ «Рӯзгори мозӣ» ва «Каждум аз меҳроб» маълум ва машҳур аст. Ин романҳо дар вақташ ба тоҷикӣ баргардонида ва бознашр шудаанд.

Соли 1935 «Каждум аз Меҳроб» дар баргардониши Саидризо Ализода аз ҷониби Нашриёти давлатии Тоҷикистон рӯйи чоп дид. Навъе Ҳ. Қодирӣ қайд кардааст, Ализода дар арафаи чоп барои маслиҳат аз Сталинобод чанд бор ба Тошканд омад. Китоб чоп шуду чанд нусхаашро дарҳол ба хонадони Абдулло Қодирӣ фиристоданд. Туҳфаи хуб ва баарзиш аз ҳамқаламони тоҷик!

Вале тарҷумаи «Рӯзгори мозӣ» дар вақташ рӯйи чоп надид. Дучори табъидшавии муаллиф ва воқеаҳои даҳшатноки нимаи дувуми солҳои сиюм ба ин боис гардид. Аз кулфате, ки ба сари Қодирӣ афтод, тоҷикистониҳо низ хабардор шуданд. Шунида нд ҳатто онҳое, ки «Рӯзгори мозӣ»-ро дар хона нигоҳ медоранд, ба ҷазо кашида мешаванд.

Дар Тошканд ба забон овардани номи Чӯлпон, Усмон Носир ва Фитрат барин адибон хатар дошт. Абдусалом Деҳотӣ бо яке аз дӯстони тошкандиаш телефонӣ суҳбат кард ва ӯ, ки бо тавсияи Айнӣ тарҷумаи «Рӯзгори мозӣ»-ро ба зимма гирифта буд, бо шунидани нохушиҳо ба изтироб афтод. Вай дар ин вақт гранкаи нусхаи тоҷикии романро аз назар мегузаронд. Нусхаро Устод Айнӣ хонда баромада, ба чоп рухсат дода буд.

Чӣ бояд кард? Хабар диҳанд, ки нусхаи асари адибе, ки бо тамғаи «душмани халқ» ҳабс шудааст, ҳоло дар дасти фалонӣ, муқаррар, рӯзашро сиёҳ мекунанд.

Дастнависро ба ҷое пинҳон кард. Вале дилаш қарор намегирифт. Бо иваз карданӣ ҷойҳои пинҳонкардааш низ. Бо гузаштани фурсат ваҳми дилаш меафзуд.



Рӯзе барвақт ба хона баргашт ва дарро аз дарун баст. Ба оташдон ҳезум гузошт, даргиронд, дастнависро гирифт ва як-як варақҳоро ба коми оташ андохт. Ҳамин тавр, «Рӯзгори мозӣ»-и ба тоҷикӣ гардондашуда сӯхт ва хокистар гашт.

Баъди гузаштани солҳо (1991) дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» мақолае ба табъ расид бо унвони «Чаро тарҷумаи «Рӯзгори мозӣ» дар оташ сӯхт ва хокистар гардид?»

Дар мақола адиби куҳансоли самарқандӣ (шодравон) Болта Ортиқзода хотираҳояшро доир ба Деҳотӣ ва тақдири асари тарҷумакардааш нақл намудааст.

Баъдтар романро Истад Қосимзода ба тоҷикӣ баргардонд ва ба муносибати 110-солагии Қодирӣ он аз ҷониби нашриёти «Ирфон» (Душанбе) рӯйи чоп дид.

Роман ба чандин забони дунё тарҷумаву нашр шудааст. Х. Деряев, Е. Бертелс, Марк Риз, М. Авезов, Н. Тун ва дигар намояндагони барҷастаи илму адаб ба «Рӯзгори мозӣ»-и Қодирӣ баҳои сазовор додаанд. Нависандаи тоҷик Ҷалол Икромӣ менигорад, Қодирӣ бо насри ба лирика омехтааш хонандаро мафтун месозад. Ҳар ҷузъ дар офаридаҳои ӯ маънои амиқро ифода намудааст. Минҷумла, «Рӯзгори мозӣ» чун ашёи аз ҷониби заргари баҳунар сайқалёфта ба тарзи аҷиб ҷило медиҳад».

Мисле навиштаҳои Абдулло Қодирӣ барои тоҷикон ва адибони тоҷик қадри баланд дошт, чи ин адиби номвар ва чи писари ӯ Ҳабибулло аз адабиёти тоҷик то андозае огоҳ буданд, забони тоҷикиро медонистанд, осори бо тоҷикӣ таълифёфтаро дар асл мутолиа месохтанд. Зимнан, асное аз Сталинобод (Душанбе) чанд нусха китоби тозанашри «Каждум аз меҳроб» (баргардониши С. Ализода) ба хонадони адиби ӯзбек расид, вай аз писараш, ки романро хонда баромад, пурсид:

– Чӣ хел, тарҷума ба ту маъқул?

– Маъқул, – гуфт вай. – Ба асл хеле наздик.

– Забони форсӣ-тоҷикӣ басо гуворо, як қатор ибораю ифодаҳои он ба ӯзбекии мо бисёр наздик, барои ҳамин ҳам тарҷума зебо мебарояд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

*Солҳо ва тақдирҳо*

# ДАР «МАКТАБИ КӮҲНА»

*Баъди навмедӣ басе уммедҳост,*
*Аз пайи зулмат басе хуршедҳост.*

Аҷаб тазоде! Солҳои бачагӣ қиссаи «Мактаби кӯҳна»-и Устод Айниро бо завқу шавқ мутолиа карда, ҳеҷ ба гӯшаи хаёл наовардаам, ки баъди 60 сол он мадрасаи таърихиро бо чашми сар хоҳам дид.

Зеро чанде пеш бо ҷамоаи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба Бухорои Шариф сафари фарҳангӣ-ирфонӣ анҷом додем, ки басо фараҳбахш ва хотирмон буд. Ҳамкасбону ҳамқаламон аз ин сафар гузориши хубе навиштанд, эҷодкорони бахши тоҷикии «Оинаи нилгун»-и Бухоро бошад, барномаи махсусу пурмазмун таҳия ва пахш карданд, ки аз дидаву шунидаҳо муште аз хирвор аст.

Дар тӯли ду рӯз ёдгориҳои таърихии шаҳри бостониро зиёрат кардем. Шахсан барои ман боздид аз зодгоҳ ва нахустин таълимгоҳи сардафтари адабиёти навини тоҷику ӯзбек Садриддин Айнӣ ниҳоят ҳаяҷонбахшу шавқангез буд. Рости гап, сафар ба деҳаи Соктаре бо исрори роҳбаладӣ гурӯҳ, раиси иттифоқи касабаи рӯзнома амалӣ гашт. Чун вай ба ронанда гуфт, ки манзили навбатӣ ноҳияи Ғиждувон – зодгоҳи Устод Айнӣ хоҳад буд, баъзеҳо «ҳаво гарм», «роҳ дур», «мо он ҷоро дидаем» гуфта, рағбат накарданд, садои қатъии роҳбалад танинандоз гашт:

– Ҳой мардум, – нимшӯхиву нимҷиддӣ иброз дошт вай, – магар намедонед, ки асосгузори рӯзномаи «Овози тоҷик» кист ва ҳозир дар куҷо кор мекунеду аз кадом идора маош мегиред?

Ронанда ҷилави мошинро сӯйи Ғиждувон тофт. Чун саргарми суҳбат баъди чанде аз тирезаи автобус чашмам ба навиштаҷоти «Маҳаллаи Соктаре» афтод, вуҷудамро ҳиссиёти аҷибе фаро гирифт.

– Ана, расидем, – гӯён ронанда автобусро назди бинои бо мурури замон фарсудашуда ва шояд аз ҳамин сабаб тармиму таҷдидталаб нигоҳ дошту илова намуд: Марҳамат, ба «Мактаби кӯҳна!»

Вақте ба дохили бино ворид гаштем, тасвири масҷид дар «Мактаби кӯҳна» пеши назарам ҷилвагар гашт: «Замини ин хонаро, ки ҳамаи вусъати он тахминан чор оршин дар чор оршин («оршин» – андозаи дарозӣ, ки ба 71 см. баробар аст – **З.Ҳ.**), яъне 16 оршини мураббаъ буд, чор синҷи аз болои якдигар гузаранда кашида дарунашро ба 9 қисм ҷудо карда буданд, ки гӯё дар даруни мактаб 9 охурча ба вуҷуд омада буд».

Воқеан, Устод Айнӣ дар «Мактаби кӯҳна» домуллои ришаш шабеҳи риши буз, камонбозӣ, бедонабозӣ, ҷазо бо фаллоқу чӯб, болои захм намак пошидан ва дигар ҳодисаҳои аҷиби вобаста ба «дорулфунун»-и худро чунон устокорона тасвир кардаанд, ки кас ҳангоми мутолиа онро тасаввур мекунад.

Қиссаи «Мактаби кӯҳна» соли 1934 иншо гардида, нахустин маротиба дар рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шудааст. Сипас он ба бисёр забонҳо тарҷума ва «Мактаби кӯҳна»-и Бухорои Шариф машҳури дунё гардид. Ҳокимияти вилоят ба хотири неки Садриддин Айнӣ тасмим гирифтааст, ки онро аз таъмири хушсифат бароварда, ба зиёратгоҳ табдил диҳад.

Ҳангоми бозгашт аз Бухоро ният кардем, ки кош, дафъаи дигар «Мактаби кӯҳна»-ро навъе, ки дар асри XIX буд, бубинему ҷараёни сабақомӯзии шогирдони он, аз ҷумла Устоди бузургро бештару беҳтар тасаввур кунем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Маълум аст, ки имсол ғаллакорони ноҳияи Рометан дар вилояти Бухоро аввалин шуда ба марраи мурод расида буданд. Хоҷагиҳои фермерӣ ба давлат қариб 13 ҳазор тонна гандум фурӯхтанд.***

# САХОВАТМАНДӢ

Бо ташаббуси ҳокими ноҳия ва роҳбарони секторҳо, инчунин ҳомигии кластеру хоҷагиҳои фермерӣ дар пункти қабули пахтаи «Челонғу»-и ҷамъияти масъулияташ маҳдуди ВСТ «Cluster Agrokompleks» ба 375 нафар шаҳрвандони эҳтиёҷманди дастгирӣ ва шомили «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон» ва «Дафтари ҷавонон»-и ноҳия кӯмаки моддӣ: 150 килограммӣ гандум, як ҷуволӣ орд, 10 донагӣ коҳи пресшуда расонда шуд. Аз ғамхорӣ баҳрамандшудагон ба саховатмандон арзи сипос намуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# «СУҲБАТИ КУҲАНСОЛОН» БА АМАЛ ОМАД

***Дар Самарқанд бо иштироки пирони фаъол, инсонҳои соҳибэҳтирому соҳибэътибори вилоят тадбири маърифатии «Суҳбати куҳансолон» гузаронида шуд.***

– Солҳои охир дар Ватани мо эътибор ва ғамхорӣ нисбат ба пирон афзуд, ки мо худ гувоҳем ва аз он баҳраманд мегардем, – гуфт раиси раёсати Бунёди «Нуронӣ»-и ҷумҳурӣ С.Турдиев. – Ҳоло шумораи онҳо аз 3 миллиону 120 ҳазор нафар зиёд аст. 21 ҳазор пирони бесаробон ҳастанд, ки ҳар сол як маротиба дар сиҳатгоҳҳо бепул табобат карда мешаванд. 163 нафар иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон шукронаи замони орому осоишта намуда, гашти пирӣ меронанд. Барои онҳо низ имтиёз ва имкониятҳои алоҳида фароҳам оварда шудааст. Ҳамасола 1-уми октябр дар сатҳи ҷаҳонӣ чун Рӯзи куҳансолон ҷашн гирифта мешавад. Дар кишвари мо низ бо ташаббуси Сарвари давлат ҳафтаи аввали моҳи октябр «Ҳафтаи эъзози куҳансолон», моҳи ноябр «Моҳонаи саёҳати куҳансолон» эълон гардидааст. Аз ин эътибору эъзозу ғамхориҳо пирони рӯзгордидаи мо мамнун буда, дар таълиму тарбияи насли ҷавон фаъолона иштирок мекунанд, падарона ғамхорӣ зоҳир карда, онҳоро ба роҳи дуруст роҳнамун месозанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**



*Дар деҳаҳои дурдасти ноҳияи Рометан нуқтаҳои тиббии ихчаму қулай кушода мешаванд.*

*Ба мақсади пурзӯр гардондани хидмати тиббӣ ба аҳолӣ дар ҷамъияти шаҳрвандии маҳаллаи «Пойҷӯй»-и назди сектори 4-уми ноҳия маросими кушодашавии Нуқтаи тиббии маҳалла баргузор гардид.*

*Пас аз ин, ҷиҳати хидматрасонии аҳолӣ маҳалҳои тиббии бо ҷиҳозҳои тиббиву доруворӣ ва воситаҳои алоқаи замонавӣ таъмингардида саҳми худро мерасонад. Пунктҳои тиббии бо шабакаҳои электр, об ва канализатсия пайвастгардида зимистон гарм, тобистон салқин мебошад.*

*Дар ин ҷо барои расондани хидмати тиббии босифат ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст.*

***(Аз шабакаи telegram-и расмии ҳокимияти вилояти Бухоро).***

# РИШТАҲОИ ПАЙВАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Навъе Ҳабибулло Қодирӣ дар хотираҳои худ зикр кардааст, рӯзе ба хонадони онҳо адиби рус Алексей Толстой меҳмон мешавад. Дар атрофи дасторхони ба шарафи ӯ густурдашуда меҳмонони бонуфуз, ки намояндагони миллатҳои гуногун буданд, менишинанд. Дар сари пиёлаи чой сухан ҷониби адабиёт гиреҳ хӯрда, ҳама, ки аҳли адабу сухан буданд, шеърхонӣ авҷ мегирад. Диққати умумро қабл аз ҳама соҳибхона (А.Қодирӣ) ба худ мекашад, ки рубоиёти Хайём дар даст дошт. Вай рубоиётро дар асл мехонд ва ба русу ӯзбек маънои онҳоро шарҳ медод. Мегуфт дар ҳар як ин сатрҳо, ки бо форсии ноб гуфта шудаанд, ҷаҳон-ҷаҳон маъниҳои фалсафӣ, дардҳои иҷтимоӣ, мазмунҳои ҳаётӣ ниҳонанд.

Ҳ.Қодирӣ менависад, «падарам дар мақолаҳои худ номи Айниро батакрор зикр мекард (масалан, «Айнӣ «Ҷаллодони Бухоро»-ро навишт», «Айнӣ ин вақтҳо дар матбуот камнамо шудааст» ва ғайраҳо), мегуфт ҳаёт ва фаъолияти ин шахсияти бузург, ки дар кӯраи зиндагиву эҷод обутоб ёфтааст, барои адибони ӯзбек низ мактаб бояд бошад».

Устод Айнӣ бо собиқ мухбири «Қизил Ӯзбекистон» дар Самарқанд Салим Каримов наздикӣ дошт. Собиқадори матбуот С.Каримов дар воҳӯрие ин тавр гуфта будааст: «Баъзан ба хонаи Устод Айнӣ мерафтам. Домулло адиби ӯзбек Абдулло Қодириро зуд-зуд ба забон меоварданд. Мегуфтанд Қодирӣ «Одина»-ро хонда, маслиҳатҳои хуб додааст».

Риштаҳои меҳр, муносибатҳои самимона байни ин ду адиби бузург, эҳтимол, ҳануз дар солҳои аввали садаи бистум оғоз ёфта бошад.

Асосгузори адабиёти навини тоҷик дар аввалин повести худ «Одина» чаҳор мисраъ шеър оварда, ки он дар асл назираест ба навиштаҳои назмии Қодирӣ бо тахаллуси «Назмӣ», ки дар романи «Каждум аз Меҳроб» сабт ёфтааст ва инро худи Айнӣ иқрор шудааст.

Адиби ӯзбек Ғулом Зафарӣ дар Самарқанд меҳмони Айнӣ шуда ва ба яке донишмандони бухороӣ (овардани номашро ҷоиз нашумурдем) мегӯяд, маззаи оши ӯ ҳануз аз даҳонам нарафтааст. Ҳамсуҳбаташ мегӯяд, дурӯғ нагӯ, Айнӣ ҳеҷ вақт меҳмон қабул ва ош дам намекунад. Ғ. Зафарӣ, аз он ки он шахс ӯро дурӯғгӯ кард, хафа мешавад ва ба Қодирӣ дар ин бобат шикваомез нақл менамояд. Қодирӣ оташин мешавад ва мегӯяд, фикри он донишманд дар хусуси Айнӣ мутлақо нодуруст, ман низ ҳамроҳи Шокир Сулаймон боре дар хонаи домулло Айнӣ шуда ва ба меҳмондӯстиаш қоил мондаам, дар умри худ ин хел зиёфатро кам дидаам! Вай моро гуселкунон «Дохунда»-и нав аз чоп баромадаро бо соядаст туҳфа намуд, баъде кӯча баромадем, Шокир Сулаймон аз ҳаяҷону ваҷд гиребон дошт, мегуфт ба хаёл намеовардам домулло бо ин қадар бузургворӣ боз ин хел ҷони одам ва меҳмондӯст...

Аввалбаҳори соли 1935, дами бегоҳ, Садриддин Айнӣ, Шокир Сулаймон ва Ғулом Зафарӣ меҳмони хонадони Абдулло Қодирӣ мешаванд. Ҳабибулло, писари калонии соҳиби хона, ба маҳсиву мӯзакашии меҳмонон кӯмак мекунад, дуо мегирад. Ба назари вай, ки он вақт ҳамагӣ 16 сол дошт, Устод Айнӣ марди хеле «барбаста» метобад. «Айнӣ васеъкитф, багӯшт, қоматдор, пуррарӯ ва риши кӯтоҳаш сиёҳусафед буд, ба сар телпак ва ба бар ҷомаи дарози хокистарранг дошту бо овози ғафс гуфтугӯ мекард», навиштааст вай дар китоби хотироти худ «Дар бораи падарам».

Маълум, ки Устод Айнӣ қисмате аз аввалин асарҳояш (масалан, «Ҷаллодони Бухоро», «Тарбияи духтарбача ё Холида»)-ро бо ӯзбекӣ навиштааст. То дараҷае адибони он вақт ҷавони ӯзбек аз устод роҳу равиши суханпардозӣ омӯхтаанд. «Одина» бо тоҷикӣ навишта шуд, бо вуҷуди ҳамин Абдулло Қодирӣ дастнависи онро хонд, ба Айнӣ маслиҳатҳо дод. Соли 1934 «Ғуломон» бо ӯзбекӣ аз чоп баромад. Дар навишти ин роман низ Айнӣ бархе мулоҳизот ва фикрҳои Абдулло Қодириро ба эътибор гирифт. Қодирӣ, дар навбати худ, аз таҷрибаи романнависии Айнӣ чизҳои барояш лозимиро қабул кард.

Риштаҳои пайванд, ҳамин тавр, ба рушди адабиётҳо, ба якдигар боз ҳам наздикшавии ду халқи бародар мусоидат менамуданд.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**



*Техникуми мероси маданӣ ва сайёҳии Самарқанд, баъди таъмиру таҷдид, ба истифода супурда шуд.*

*Ҳоло дар муассисаи музкур таълим бино ба тахассус ва самтҳои сайёҳӣ, хидматрасонӣ ва сайёҳӣ, ташкил ва идоракунии хоҷагии меҳмонхона, ташкили хидматрасонии хӯроки умумӣ, нон ва маҳсулоти нон, истеҳсоли қандолот ва макарон, хидматҳои аэропорт, бухгалтерия ва аудит, санъати сартарошӣ, устои таъмир ва ҳифзи объектҳои мероси маданӣ ба роҳ монда шудааст.*

*Инчунин, бо ташкилот ва муассисаҳои таълимии хориҷӣ барномаи ҳамкорӣ оиди таълим ва амалиёти истеҳсолӣ ба амал татбиқ мегарданд.*

***А. ИСРОИЛОВ. (ӮзА).***

# ҲАМЕША БО ВАТАН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аҳли деҳаи Бибиширин ва ҳама касоне, ки Ҳоҷӣ Холмуҳаммадро мешиносанд, ӯро ба ҳайси як инсони накӯкор ва саховатпеша ҳурмат мекунанд. Чунки гуфторашу амалаш аз як қолаб хеста, яке дигареро пур мекунад. Аслан дар Бибиширин мардуми сарватманд ҳам кам нестанд, аммо мисли Ҳоҷӣ Холмуҳаммад мардони воқеӣ ва саховатпеша ангуштшуморанд. Холмуҳаммад Тӯраев аз бозе, ки муқими шаҳри Душанбе гашт, ҳаргиз риштаи пайвандиашро бо зодгоҳ гусаста накард. Ҳаёти ҳамдеҳагон ва таборони баоқибатро пайгирӣ карда, дар рӯзҳои ғаму шодии онҳо ширкат меварзад. Ба қавле, як пояш дар Бойсуну пойи дигараш дар Душанбе аст. Вай нек медонад, ки чунин робитаро минбаъд фарзандони барӯманди ӯ идома хоҳанд дод.

Ҳоҷӣ Холмуҳаммад замони ҳамагӣ 7-8 сол муқаддамро ба ёд оварда ноаён гиребон ҷуфт кард: – мазмун, «Мана мешудааст-ку, осонакак биёиву хурсанд ва бидуни таҳлукае баргардӣ!» Вай дар шигифт буд, ки чаро байни ду мардуми азалан дӯсту бародар банохост ҷудоӣ ба амал омада, марзҳо бо симхор печондаву ҷой-ҷой минакорӣ ҳам гаштанд. Низоми раводид (виза) ҷорӣ гардида, мардуми ду самти марз басо азият кашиданд. Ана, ҳоло вазъ комилан тағйир ёфтааст. Сарварони хирадманди ду ҷумҳурӣ, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дарҳои солҳо ба рӯйи мардум бастаро кушоданд, режими раводидро барҳам доданд ва муносибатҳои бародаронаро барқарор сохтанд. Чӣ қадар дуои хайри мардумро гирифтанд, танҳо ба парвардигор аён. Аммо ӯ нек медонад, ки дуои неки мардум ба ҳафт пушташон басанда аст! – бо ифтихори тамом аз дил гузаронд Ҳоҷӣ Холмуҳаммад.

– Илоҳо ба дӯстии мо чашми бад нарасад! – дилаш лабрези эҳсоси ширине ноаён даст ба дуо бардошт ӯ.

Ин дам мошине ба назди ӯ истод ва ронанда аз ӯ хоҳиш кард, ки роҳи масҷиди деҳаро нишон бидиҳад. Меҳмон буданд онҳо. Аз гапашон, сокинони водии Фарғона ҳастанд ва ҳоло озими шаҳри Деҳнав мебошанд. Меҳмонон бо мушояати Холмуҳаммад Ҳоҷӣ то мазори Бибиширин омаданд, ки аз лаби роҳи калон ҳамагӣ сад қадам масофа дошт. Пас аз ибодат меҳмонон қаноатманд ва дар лаб сад дуо ба роҳи худ идома доданд...

***

Меҳмононе, ки ин ҷо барои адои намоз меоянд, албатта, ба мазори Бибиширин ҳам мутаваҷҷеҳ мегарданд ва як каф дуо ба рӯҳи ин азизи Худо низ фиристода, аз таърихаш воқиф мешаванд, ёди некашро бо худ ба гӯшаҳои дурдасти қаламрав мебаранд.

Ҳоҷӣ Холмуҳаммад ба ёд оварл, ки дар мавриди номгузории масҷид ҳамдеҳагон як муддат баҳс карданд. Кадоме пешниҳод дошт, ки масҷидро, ки бо маблағи худи ӯ бунёд ёфтааст, сазовор аст ба номи бобою бобокалонаш Ашӯрбой, Авазбой, Содиқбой ё Тӯрабой... гузоранд, ки онҳо низ дар илми дин пешгоми маҳалли худ будаанд. Аммо Холмуҳаммад комилан ин пешниҳоди ҳамдеҳагонро рад кард. Гуфт, ки номи Бибиширинро гузоштан равост, вассалом! Мазори ин бонуи хушном ҳам дар бари масҷид аст ва ҳамеша пойи зиёраткунандагон канда нест. Дар музофот ин ягона мазорест, ки соҳибаш инҷо мадфун аст. Аслан аксари мазороти қаламрав қадамҷойи азизони Худо буда, ҷасади худи онҳо дар ҷойҳои дигар ба хок дода шудаанд. Азбаски ҳама гуфтору пиндору кирдори ин бонуи покдоман писанди мардум мегардад, ғолибан ба рӯзгори одамон асар кардаву ҳаёти онҳоро ба наҳвае «ширин» месозад, ба ӯ Ширин ном медиҳанд ва ин куният вирди забонҳо гашта, номи аслиаш – Райҳон фаромӯш мешавад. Номи Ширин баъдтар Бибиширин шуда, ин тавр дар байни халқ маъруф гардидааст. Ҳоло ҳам номи деҳа, ҳам номи мазор ва ҳам номи Масҷидро бо эҳтироми тамом Бибиширин мегӯянд. Баъзан ин номро ба достони машҳури «Фарҳод ва Ширин» вобаста медонанд. Чун номи кӯҳи Бойсун дар байни тоҷикон Фарҳод буда, зарби тешаи он кӯҳкан дар девори кӯҳи барқад бараъло маълум аст. Ӯзбекон ин кӯҳро «Катманчопти» меноманд, ки дар ҳар сурат ёде аз он Фарҳоди машҳур медиҳад.

***

Ҳоҷӣ Холмуҳаммад яке аз фарзандони фарзонаи ноҳияи Бойсун буда, 5-уми октябри соли 1962 дар деҳаи Бибиширин, дар оилаи як марди нексиришт, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Холбой Тӯраев ба дунё омадааст. Холбой Тӯраев ва Рӯзихол Амонова ёздаҳ фарзандро ба дунё оварданд ва оилаи мӯҳташами онҳо аз нӯҳ писару ду духтар иборат буд. Холмуҳаммад аз ин ҷамъ фарзанди ҳафтум мебошад. Вай соли 1979 мактаби зодгоҳашро хатм намуда, дар даст номаи камол ба Душанбе омад ва дар факултаи ПГС-и Донишкадаи давлатии политехникии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1984 бо муваффақият хатм кард. Фарзандони деҳа, ки аз барои таҳсил ба шаҳрҳо мерафтанд, асосан ба зодгоҳи худ бармегаштанд ва ҳамсолони Холмуҳаммад ҳам пас аз хатми донишгоҳҳо аз Душанбе ба Бойсун равона шуданд. Вале Холмуҳаммади ҷавон қарор дод, ки дар ин шаҳри дилнишин мемонад ва андӯхтаҳои худро дар коргоҳҳои сохтмонии ин ҷо такмил медиҳад. Ин тавр, ӯ дар тресті «Строймонтаж»-и рақами 1 Душанбе ба ҳайси муҳандиси бинокор ба кор шурӯъ кард ва дар ин коргоҳ то соли 2004 ифои вазифа намуд. Ғайрату шуҷоати ӯро ба инобат гирифта, барояш дар шаҳри Душанбе як хонаи алоҳида доданд. Хурсандии Холмуҳаммадро ҳадду каноре набуд. Вай минбаъд бахти худро ба яке аз духтарони зодгоҳаш – Сабоҳат Бобоқулова, ки ин ҷо таҳсилу кор мекард, пайваст. Онҳо бо ризоияти волидон оилаи худро дар Душанбе бунёд ниҳода, як доман фарзандон низ ба дунё оварданд. Аммо замонаҳо зуд тағйир ёфтанд. Дар паҳнои давлати абарқудрати Шӯравӣ боди азнавсозиву ошкорбаёнӣ вазида, дар андак муддат пояи ҳукумат заиф гардид ва билохира аз ҳам пошида, ҷумҳуриҳо ба истиқлол расиданд. Ҳаёти мардум ба мушкилиҳо печида, мутаассифона дар Тоҷикистон низоми ҳаёти осоишта вайрон шуд ва ин ҷумҳурӣ дар доми ҷангҳои шаҳрвандӣ печид, ки зиёда аз панҷ сол идома карда, қурбониҳои зиёде дар пай дошт. Аммо тоҷикон паёмади нохуши ин рӯёрӯиҳоро зуд дарк карда, қарор доданд сулҳу салоҳро дар кишвар барқарор сохта, рӯзгори худро аз нав обод созанд.

***

...Вақте аз масҷид берун омад, атроф дар доми торикӣ монда буд. Холмуҳаммад Ҳоҷӣ муддате бо мушкилоти дигари вобаста бо фаъолияти масҷиди Бибиширин шинос гардида, ба хидматгузорон ҳаққи заҳматашонро супорид, мушкилоти маблағи барқро низ ҳал кард ва ба ин монанд чандин корро ба сомон расонда, ниҳоят худро хеле сабук ҳис намуд ва дар мушоияти таборон роҳ ба сӯйи меҳмонсаро гирифт. Ин бошишгоҳи дорои ҳама шароити будубошро низ худ бунёд кардааст.

Субҳ пас аз намози бомдод ба зиёрати қабристони Лалмикор хоҳад рафт. Он ҷо падару модар, бародарони ба ҷон баробараш ва даҳҳо таборону ҳамдеҳагонаш ба хоби абад рафтаанд...

**Масрур АБДУЛЛОЗОДА, доктори илмҳои филологӣ, профессор.**
**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4527 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.